**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, e-mail:faridullo72@mail.ru**

**ТАҚРИЗ**

*Ба автореферати диссертатсияи Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович дар мавзуи "Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)*

Соҳибкории истеҳсолӣ омили калидии рушди иқтисодии давлат маҳсуб ёфта, он метавонад дар низоми иқтисодии кишвар таҳаввулоти ҷиддеро ба бор оварад. Бинобар ин, такмили роҳҳои андозбандии ин бахши воқеии кишвар метавонад соҳибкории истиеҳсолиро тақвият бахшад, сармояро ба ин бахш афзоиш дода, ҳавасмандии қишрҳои мухталифи ҷомеаро ҷиҳати густариши ин соҳа дучанд гардонад.

Муаллиф дар рафти таҳқиқот ҷиҳатҳои заминавии ташаккулёбии назария ва методологияи муносибатҳои андозбандиро дида баромада, механизми рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва усулҳои муфидгардонии онро пешниҳод намудааст. Инчунин, зимни таҳқиқот, фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолиро дар доираи истифодабарии низомҳои махсуси андозбандӣ таҳлил ва арзёбӣ намудааст. Ба андешаи муаллиф, баланд бардории сатҳи истеҳсолот ва васеъгардонии манбаи андозбандӣ аз ҷорӣ намудани шаклҳои нави хоҷагидорӣ вобастагии зиёд дорад. Аз ин хотир, дар ҷумҳурӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуда, барои беҳгардонии вазъи иқтисодӣ ва рушди иқтисодиёти минтақаҳо чорабиниҳои махсус амалӣ гардида истодаанд.

Илова бар ин, дар раванди таҳқиқот маълум гардидааст, ки дар самти тақвият додани соҳибкории истеҳсолӣ истифодаи низомҳои махсуси андозбандӣ дар кишвар манфиатовар мебошад. Ба андешаи муаллиф дар

доираи низоми мазкур аз ҷониби субъектҳои соҳибкории хурду миёна ба фаъолияти кишоварзӣ, аз ҷумла паррандапарварӣ, моҳипарварӣ, хӯроки паррандаю чорво таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, дар ин замина коркарди ашёи хоми ватанӣ -истеҳсолоти ватанӣ ва устувор гардидани вазъи молиявии буҷет таъмин мегардад.

Бояд қайд намуд, ки диссертатсия дар баробари ҷиҳҳатҳои мусбӣ, таклифу пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф, аз баъзе камбудиҳо бархурдор мебошад:

1. Хуб мешуд агар муаллиф дар таҳқиқоти худ ба масъалаи такмили механизми самаранок истифоданамоии гаронии андоз дар соҳибкории истеҳсолӣ диққати бештар медод.

2. Бояд самтҳои ояндадори беҳтаркунони (оптимизатсия)-и низоми андозбандӣ ва такмили механизми амалкарди он дар соҳибкории истеҳсолӣ дар матни асосии автореферат инъикос меёфт.

Умуман, автореферати диссертатсияи Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович дар мавзӯи "Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)" ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
д.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ
ва фаъолияти соҳибкории ДБССТ **М.И. Садриддинов**

**Сардори раёсати**
**кадрҳо ва корҳои махсус** **Ш. Ҷураев**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734055, х. Борбад, 48/5, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, почтаи эл.: info@iutet.tj, Тел: +992 (37) +992(37) 234-88-02, Факс: +992 (37) 234-88-24